## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2025, –198 с.**

Истилоҳсозӣ ҳамчун яке аз роҳу воситаи муҳимми бойсозии захираи луғавии забон ҳам дар ҳама давру замон таваҷҷуҳи олимон, пажуҳишгарон ва истилоҳшиносону истилоҳсозонро ба худ ҷалб кардааст. Ин аст, ки таҳлилу баррасии масъалаи истилоҳ, истилоҳшиносӣ ва василаҳои мухталифи истилоҳсозӣ дар забонҳои гуногуни дунё, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳим маҳсуб меёбад. Дар ин бахш то ба имрӯз таҳқиқоти мухталифе сурат гирифта бошад ҳам, дар бахши истилоҳсозии тиббӣ, алалхусус, истилоҳоти соҳаи дорусозӣ то ҳанӯз усулҳои мукаммали истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ ба таври возеҳу мушаххас таҳқиқ нагардидааст. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии роҳу воситаҳои истилоҳсозӣ ва меъёрҳои интихоби истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои гуногунсохт муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дорусозӣ барои мардуми тоҷик мафҳуми нав набошад ҳам, аммо дар бештар аз 100 соли охир вожаву истилоҳоти гуногуни ин соҳа тавассути забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ ворид шуданд, ки таҳқиқу баррасӣ ва интихоби истилоҳоти сареҳ ин соҳаи муҳим зарур саривақтӣ мебошад. Барои ҳаллу фасли масъалаи мазкур забони миллӣ бояд аз захоиру имконоти дохилӣ ва роҳу воситаҳои мухталифи дастурии хеш, аз қабили калимасозиву истилоҳофаринӣ тибқи суннатҳои мардумӣ, аз пасванду пешвандҳо ва нимвандҳо сохта шудани истилоҳот истифода намояд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом таҳти унвони «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» муҳим ва мубрам

аст, зеро омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти дорусозӣ талаботи замон ва тақозои марҳилаи нави забони тоҷикӣ мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом таҳқиқи илмии анҷомёфта буда, ба омӯзишу пажуҳиши муқоисавии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он назарияҳои навини истилоҳшиносӣ, низоми пайдоиши истилоҳоти дорусозӣ, ҷойгоҳи луғатномаҳо ва фарҳангномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро пажуҳиш намудааст. Муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи** диссертатсионии Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ» дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи мазкур дар самти омӯзиши истилоҳоти дорусозӣ ва муқоисаи онҳо дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ иқдоми нахустин мебошад. Дар забоншиносии муосири тоҷик ва фаронсавӣ мавзуи истилоҳ, истилоҳшиносӣ, дар маҷмуъ, истилоҳоти умумитиббӣ таҳқиқ шуда бошад ҳам, доир ба истилоҳоти дорусозӣ бевосита пажуҳиш дар шакли рисолаи алоҳида дар доираи забоншиносии муқоисавӣ анҷом дода нашудааст.

Дар рисола, ба назарияҳои навини шинохтани истилоҳ, роҳу усулҳои истилоҳсозӣ, таърихи пайдоиш, меъёрҳои интихоби истилоҳоти дорусозӣ, истилоҳоти иқтибосии арабӣ, юнонӣ, лотинӣ, англисӣ, олмонӣ, русӣ ва ҳиндӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таваҷҷуҳи хосса дода шудааст.

**Дараҷаи асоснокkунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Муқаррароти илмии дар диссертатсия овардашуда дар асоси маводи сарчашмаҳои илмӣ, луғатномаву фарҳангномаҳои тоҷикиву фаронсавӣ ба

таври муқоисавӣ таҳқиқ гардидани вижагиҳои сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар такя ба далелҳои илмӣ ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ интишор гардидаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои илмии диссертант оид ба татбиқи мавзуи пажуҳиш дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ ва луғатҳои тафсирию дузабонаи тоҷикиву фаронсавӣ илман асоснок карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи таҳқиқи анҷомдодашуда пажуҳиши муқоисавии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ ва паҳлуҳои мухталифи он аз нигоҳи маъно, сохтор, таърихи пайдоиш, заминаҳо, марҳилаҳои ташаккули он, нақшу ҷойгоҳи луғатномаҳо ва фарҳангномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, мавқеи истилоҳоти дорусозии иқтибосии лотинӣ, арабӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ, англисӣ дар забони тоҷикӣ, нақши истилоҳоти дорусозии иқтибосии лотинӣ, юнонӣ, олмонӣ, англисӣ дар забони фаронсавӣ, дар асоси маводди назариявии ду забон омӯхта шуда, мушаххас карда шудааст.

Инчунин, навгонии илмии диссертатсияи мазкур бо дарназардошти вазифагузориҳо муқаррар карда шудааст. Дар робита ба ин, дар диссертатсия нахуст кӯшиш карда шудааст, то усулҳои пешрафтаи истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ ва меъёрҳои интихоби истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ бори аввал ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамоянд аз чунин нуктаҳо иборат аст: таҳқиқи назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забонҳои мавриди назар; таҳлилу баррасии таърихи пайдоиши низоми истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ, муайян кардани нақши луғатномаҳо ва фарҳангномаҳои дорусозӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ,

муайян намудани нақши истилоҳоти дорусозӣ барои ба вуҷуд овардани забони илмии тиббии дорусозии тоҷикиву фаронсавӣ, нишон додани ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар такомули захираи луғавии истилоҳоти тиббии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва амсоли инҳо.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, назарӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар пажуҳиши мазкур омӯзиши назарияҳои навини истилоҳ, истилоҳшиносӣ, таърихи пайдоиши истилоҳоти дорусозӣ, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккули он, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муайян карда шуда, нақши истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар забонҳои гуногунсохтор дар мисоли забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ муқаррар карда шудааст. Ин масъала дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ ва алоҳида қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода бурд.

Диссертатсия метавонад ҳамчун мавод барои ташкил ва гузаронидани курсҳои назарӣ аз грамматика, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, курсҳои махсус ва барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ хизмат намояд. Ҳамзамон, он метавонад барои рушду густариши таҳқиқоти муқоисавии забонҳо дар забоншиносии муқоисавӣ, назария ва амалияи тарҷума, услубшиносӣ ва истилоҳшиносӣ муҳим бошад.

Хулоса ва натиҷаҳои бадастомадаро, метавон ҳамчун маводи иловагии таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои тиббӣ ва факултетҳои дорусозӣ барои донишҷӯён истифода намуд. Ҳамчунин, калимаву истилоҳоти дорусозие, ки ҳангоми таҳқиқ муайян карда шудаанд, ҳангоми таълифи луғатномаҳои таълимии дузабонаи тоҷикӣ - фаронсавӣ, луғатномаи тафсирии дорусозӣ, баргузории дарсҳои амалӣ дар ихтисосҳои дорусозии донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои тиббӣ метавонад мавриди истифодаи мутахассисони соҳа қарор гиранд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии пажуҳиши мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии пажуҳиш, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқо илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии сатҳи гуногун аз ҷониби диссертант ироа шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводи баррасишаванда, омодаву таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқ, дақиқ намудани мақсад, вазифаҳои таҳқиқ, таҳлилу баррасии масоили асосии мавзуи таҳқиқ ва коркарду батанзимдарории сарчашмаҳои илмӣ ва хулосаҳои боэътимод ифода ёфтааст.

Ҷамъоварию коркарди маводди таҳқиқ, таҳлилу таснифи истилоҳот ва тарҷумаи онҳо, ба ҳадафу вазифаҳои диссертатсия мувофиқ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ муаллифи 7 мақолаи илми марбут ба мавзуи диссертатсия мебошад, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмӣ-назариявӣ ба чоп расонидааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар мақолаҳои илмии диссертант муҳтавои таҳқиқ ба таври возеҳ инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ» бо назардошти мақсад ва вазифаҳои муқаррааргардидаи таҳқиқ давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 12 фаслу 8 зерфасл, хулоса ва

фехристи адабиёти илмӣ иборат мебошад. Диссертатсия 273 номгӯйи адабиётро дар бар гирифта, матни он 198 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баён гардидааст. Объекту предмети таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** ном дошта, аз 3 фасл иборат мебошад, ва дар он масъалаҳои омӯзиши назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносии муосир, таърихи ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои муқоисашаванда, замина ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ баррасӣ гардидааст.

Боби дуюм **«Таҳлили сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** ном дошта, фарогири ҳафт фасл мебошад. Диссертант дар боби мазкур усулҳои асосии сохти истилоҳи дорусозӣ, истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳоти дорусозиро дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ мавриди пажуҳиш қарор дода, бар он андеша аст, ки истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ «бо ҳамон роҳу усулҳое, ки дар бештари забонҳои дунё маъмуланд, сохта шуда», онҳоро ба усули сарфӣ, усули наҳвию сарфӣ ва луғавию наҳвӣ гурӯҳбандӣ намудааст (с.79).

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили маъноӣ ва таснифоти истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ»** ном дошта, фарогири 2 фаслу 8 зерфасл мебошад. Диссертант дар ин боб нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, инчунин нақши истилоҳоти иқтибосии дорусозиро дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди пажуҳиш қарор дода бар он назар мебошад, ки «истилоҳоти иқтибосии дорусозие, ки аз қадим то имрӯз ҷамъоварӣ шудаву дар сарчашмаҳои тахассусии дорусозии тоҷикиву фаронсавӣ истифода

шудаанд, аз истилоҳоти иқтибосии забонҳои юнонӣ, лотинӣ, ҳиндӣ, олмонӣ, англисӣ, русӣ ва ғ. иборат мебошанд» (с.123).

Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ» дар асоси меъёрҳои **нави илмӣ таҳия** гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талабот ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқӣ ба роҳ монда шудааст.

Диссертатсия ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Вай бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунанд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи меъёрҳои ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки вай дар илми забоншиносӣ ва истилоҳшиносии тоҷик саҳми арзанда ва назаррас мегузорад. Таҳқиқи мазкур дар забоншиносии муқоисавӣ

иқдоми нахустин буда, диссертант муваффақ шудааст, ки аз иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда барояд. Муаллифи диссертатсия бо мисолҳои мушаххас умумият, фарқият ва тарзу усулҳои сохтори истилоҳоти дорусозиро дар забонҳои муқоисашаванда нишон додааст, ки ин боиси таваҷҷуҳ ва дастгирист.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо, диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва **камбудиҳои ҷойдошта** арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант муфид хоҳанд буд.

1. Миқдори фаслҳо дар бобҳои диссертатсия гуногун аст.

2. Дар бахши **сарчашмаҳои таҳқиқ** номи луғатнома ва фарҳангномаҳои дузабона зикр шудааст. Беҳтар мебуд агар соли нашрашон низ зикр карда мешуд.

3. Ҷанбаҳои кор дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ нишон дода шудаанд, лекин дар адабиёт бештар муаллифони рус оварда шудаанд. Хуб мешуд, аз муаллифони рус мисолҳо бо тарҷумаҳо нишон дода мешуданд.

4. Танзим намудани нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо масъалагузорӣ ва хулосаҳои умдаи муаллиф ба мақсад мувофиқтар мебуд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (саҳ. 15, 100, 102 ва ғ.).

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба арзиши илмии таҳқиқи анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳшавандаанд ва ба осонӣ бартараф карда мешаванд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ

шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва
назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

31-уми майи соли 2025

**Нишонӣ:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Ганҷавӣ, бинои 464/2, хонаи 48
Тел.: (+992) 935772037
E-mail: fayoztursunov@gmail.com

Имзои Ф.М.Турсуновро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассиса:**734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992)372 32 5000
E-mail: ddzt@ddzt.tj

31-уми майи соли 2025